**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВ**

Бо ҳуқуқи дастнавис

**ВБД:** 343+343.98(575.3)
**ТКБ:** 67.99 (2)93+67.99(208(2Т)
**Ҳ–78**

**ҲОМИДЗОДА ҶОНИБЕК УБАЙД**

# ТАҲҚИҚОТИ ҲУҚУҚӢ-ҶИНОЯТИИ ҶИНОЯТҲОИ ДОРОИ ХУСУСИЯТИ КОНВЕНСИОНӢ

## АВТОРЕФЕРАТ

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ

**Душанбе – 2026**

**Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии факултети сиёсат ва идораи давлатии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав иҷро шудааст.**

**Роҳбари илмӣ:** **Назаров Аваз Қувватович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ**: **Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

**Одиназода Носир Садир** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, омӯзгори кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар**: Муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон» (ш. Душанбе).

Ҳимояи диссертатсия санаи «30» майи соли 2026, соати $9^{00}$ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак, бинои 11, ошёнаи 1, толори шурои диссертатсионии факултети хуқуқшиносии ДМТ) баргузор мегардад.

Бо мазмуни диссертатсия дар сомонаи www.tnu.tj ва Китобхонаи марказии илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо нишонии 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, шинос шудан мумкин аст.

Суроға: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, Email: qobil9498@mail.ru. Тел: 988949405.

Автореферат «___» _________ соли 2026 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Мирзозода Қ.Х.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Мубрамияти мавзуи мазкур аз он иборат аст, ки ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ, ки аз санадҳои байналмилалӣ сарчашма мегиранд, бо сабабҳои гуногун барои давлатҳо ва ҷомеаҳои муосир хатар доранд. Барои муқовимат бо ин зуҳуроти номатлуб на танҳо меъёрҳои ҳуқуқии дохилии давлатҳо, балки усулҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва созишномаҳои байнидавлатӣ нақши муҳимми худро мебозанд. Бо назардошти ин таҳқиқи механизм ва омилҳои таъсиргузор ба ҷинояткории фаромиллӣ ва конвенсионӣ дар муносибатҳои дохили давлатӣ ва байни давлатҳо аҳаммияти махсус дорад.

Ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ на танҳо таҳдиди бевосита ба амнияти давлат мерасонад, балки ба ҳуқуқи инсон ва арзишҳои башарӣ низ зарар меоваранд. Дар ин замина, таҳқиқи масъалаи ҳуқуқи ҷиноятии ин ҷиноятҳо, ки бо шартномаҳои байналмилалӣ ва созишномаҳои байналхалқӣ муайян карда мешаванд, муҳим аст.

Омори ҷинояткорӣ нишон медиҳад, ки динамикаи ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ сол аз сол гуногун мешаванд. Масалан, таҳлили оморӣ нишон медиҳад, ки дар даҳ соли охир сатҳи ҷиноятҳои экстремистӣ пайваста афзоиш ёфтааст. Агар соли 2014 143 ҳолат ба қайд гирифта шуда бошад, пас соли 2023 ин рақам ба 1069 адад расидааст ва то даҳ моҳи 2024 ба 1102 адад мерасад [24]. Таҳлили оморӣ нишон медиҳад, ки дар давоми чанд соли охир сатҳи ҷиноятҳои коррупсионӣ ва иқтисодии дорои хусусияти коррупсионидошта, ба таври умум, афзоиш ёфтааст. Аз ҷумла, «агар соли 2013 шумораи ин ҷиноятҳо 1101 ададро ташкил дода бошад, пас ин рақам соли 2014 ба 1179, соли 2015 ба 1306, соли 2016 ба 1326, соли 2017 ба 1445, соли 2018 ба 1364 ва соли 2019 ба 1362 расидааст» [4].

Аз замони ба даст овардани Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ қонунгузории худро ба стандартҳо ва меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ кардааст. Яке аз қадамҳои муҳимтарин дар ин самт дохил намудани муқаррароти мазкур дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Махсусан, тибқи сархати 3 моддаи 10-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд» [22]. Ин муқаррароти конститутсионӣ робитаи Тоҷикистонро ба принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва омодагии он барои ҳамгироӣ кардани уҳдадориҳои байналмилалӣ ба низоми ҳуқуқии дохилии худ таъкид мекунад.

Дар айни замон, мушкилоти ҷиноятҳои конвенсионӣ, сарфи назар аз мавҷудияти чаҳорчӯбаи васеи ҳуқуқии байналмилалӣ, ки ба пешгирӣ ва муқовимат ба онҳо нигаронида шудааст, яке аз мушкилоти мубрами ҷомеаи ҷаҳонии муосир боқӣ мемонад.

Дар ин самт Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади пешгирӣ намудани ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ чораҳои муассир меандешад. «Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», аз 23-юми декабри соли 2022 зикр карданд, ки «Тоҷикистон дар оянда низ дар ҳалли масъалаҳои мубрами ҷомеаи байналмилалӣ, аз қабили мубориза бо терроризм, ифротгароӣ, ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ, қочоқи силоҳ ва маводи мухадир, ҷиноятҳои киберӣ, ҳамчунин мутобиқшавӣ ба

пайомадҳои тағйирёбии иқлим ва рафъи оқибатҳои он саҳми босазо хоҳад дошт» [21].

Таҳлили оморӣ нишон медиҳад, ки дар соли 2023 мақоми ваколатдор 60 парвандаи марбут ба савдои одамонро тафтиш намудааст, ки ин рақам дар муқоиса бо соли 2022 (11 парванда) афзоиш ёфтааст. Инчунин, дар соли 2023 23 парвандаи дигар, ки ба моддаҳои гуногуни Кодекси ҷиноятӣ, ки ба савдои одамон марбут нестанд, оғоз шудаанд [23].

Ҳамкории байналмилалӣ дар мубориза бо ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ як воситаи муҳимми давлатҳо барои ҳифзи муносибатҳои миллии худ ва таъмини истиқлолияти сиёсӣ, ҳудудию иқтисодии онҳо аз таҳдидҳои кирдорҳои ба ҷамъият хавфноки фаромиллӣ мегардад. Дар шароити ҷаҳонишавии муносибатҳо ҳар як кишвар ногузир ба равандҳои номуносиб рӯбарӯ мешавад, ки барои рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ монеаҳо ба миён мегузорад. Мушкилоти асосии амнияти миллӣ дар ҷаҳони муосир дарёфти тавозуни оптималии байни ҳамкории байналмилалӣ ва нигоҳ доштани амнияти миллӣ мебошад. Дар ин замина мубориза бо ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ на танҳо вазифаи ҳуқуқӣ, балки як унсури муҳимми стратегии таъмини суботи иқтисодӣ, амният ва рақобатпазирии давлат дар арсаи байналмилалӣ мегардад.

Бо назардошти ин гуфтаҳо аҳаммияти таҳқиқи ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ, роҳҳои беҳтар кардани ҳамкориҳои байналмилалӣ ва мусоидат ба амалиётҳои муштарак, ки дар муқовимат бо ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ роҳандозӣ шудаанд, меафзояд. Бояд тазаккур дод, ки диссертатсияи мавриди назар таҳқиқоти бунёдӣ мебошад, ки ба масъалаи ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ ва роҳу воситаҳои такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт бахшида шудааст. Дар он махсусияти содир

шудани ин навъи ҷиноят, таҳлили омилҳои асосии ба вуҷуд омадани он ва роҳҳои пешгирии ҷиноятҳои конвенсионӣ дар кишварро ҳамаҷониба арзёбӣ менамояд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии мавзуи таҳқиқот ҳамеша таваҷҷуҳи олимони ҳуқуқшиносро ба худ ҷалб карда, махсусан ҷанбаҳои алоҳидаи он аз ҷониби олимони зерин мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор гирифтаанд: Н.Б. Азимов [18], П.Н. Бирюков [5], И.П. Блишенко ва И.В. Фисенко [6], А.И. Бойко [7], Х.С. Камолов [20], И.И. Карпетс [8], А. Г. Кибалник [9], В.Н. Кудрявсева [10], И.И. Лукашук [11], В.А. Мазов [12], Т.Т. Мансуров [14], Ю.А. Решетов [17], Ю.С. Ромашев [15], А.Н. Трайнин [13], Т.Ш. Шарипов, Ҳ.С. Сафаров [17], Х.А. Умаров [16].

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи «Барномаи давлатии муқовимат ба ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30 июни соли 2021, №265 тасдиқ шудааст ва барномаҳои дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии факултети сиёсат ва идораи давлатии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав бо дарназардошти инкишоф ва такмили қонунгузории ҷиноятӣ, хусусиятҳои алоҳидаи ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ, таъмин ва риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таҳия ва пешниҳоди лоиҳаи қонунҳои мукаммал, омода гаштааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Мақсади таҳқиқот таҳлили мутобиқати меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба уҳдадориҳои байналмилалӣ ва таҳияи тавсияҳо оид ба такмили раванди ҳамгироии стандартҳои ҳуқуқи байналмилалӣ

ба қонунгузории миллӣ мебошад. Мувофиқи мақсади таҳқиқот, доираи вазифаҳои алоқаманд бо он муайян гардид, ки ҳаллу фасли назариявии онҳо асоси мазмун ва муҳтавои таҳқиқоти диссертатсиониро ташкил медиҳанд.

**Вазифаҳои таҳқиқот:**

– муайян намудани мафҳуми ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ, ҷиноятҳои дорои хусусияти фаромиллӣ, ҷиноятҳои байналмилалӣ ва ҷиноятҳои характери байналмилалидошта;

– таснифи ҷиноятҳои байналмилалӣ ва ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ;

– муқаррар намуда моҳияти ҳуқуқии ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ ва ҷиноятҳои байналмилалӣ муқобили ҳаёт;

– омӯзиш ва муайян намудани хусусиятҳои ҷиноятҳои конвенсионӣ муқобили озодӣ бо дарназардошти санадҳои байналмилалӣ;

– таҳқиқи ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ зидди амнияти ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолӣ;

– таҳқиқи ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии экстремизм ҳамчун ҷинояти дорои хусусияти конвенсионӣ;

– таҳқиқи коррупсия ҳамчун ҷинояти дорои хусусияти конвенсионӣ тавассути таҳлили созишномаҳои байналмилалӣ.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқот муносибатҳои ҷамъиятие мебошад, ки дар ҷараёни татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён меоянд, аз ҷумла таъсири онҳо ба сиёсати ҷиноятӣ ва танзими ҳуқуқӣ дар соҳаи мубориза бар зидди ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқоти мазкурро қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки ба меъёрҳои миллӣ мувофиқанд, инчунин ҳуқуқи ҷиноятии

байналмилалӣ, Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, андешаҳои доктринавии олимони ҳуқуқшинос ва таҷрибаи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ мутобиқи уҳдадориҳои байналмилалӣ ташкил медиҳанд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот)**. Таҳқиқоти диссертатсионӣ асосан фарогири марҳалаи муосири татбиқи меъёрҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон марбут ба ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсиониро дар бар гирифта, ифодакунандаи давраи инкишофи қонунгузории ҷиноятии соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Давраи таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки фарогири солҳои 2020-2025 мебошад, як марҳалаи муҳимми таҳқиқотиро дар бар мегирад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқотро осори илмии олимон ва муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ташкил медиҳанд. Хусусан, монографияҳо, китобҳо, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ, мақолаҳои мутахассисони ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминалогия дар раванди таҳқиқот мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор дода шудааст. Дар раванди таҳлили масъалаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ бештар ба осори олимон ва муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, ба монанди Н.Б. Азимов, П.Н. Бирюков, И.П. Блишенко, И.В. Фисенко, А.И. Бойко, Х.С. Камолов, И.И. Карпес, А. Г. Кибалник, В.Н. Кудрявсева, И.И. Лукашук, В.А. Мазов, Т.Т. Мансуров, А.К. Назаров, Ю.А. Решетов, Ю.С. Ромашев, А.Н. Трайнин, Т.Ш. Шарипов, Ҳ.С. Сафаров, Х.А. Умаров, Н.А. Кудратов, Ҷ.З. Маҷидзода, А.И. Сафарзода таваҷҷуҳ зоҳир карда шудааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Дар рафти таҳияи диссертатсия, принсипҳои гуногуни таҳқиқот, аз ҷумла принсипҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, истифода гардидаанд. Дар таҳқиқот усулҳои умумимантиқӣ, ба монанди таҳлил, синтез, шабоҳат, айният, қиёс ва ғайра,

инчунин усулҳои назариявӣ, масалан тасниф, гипотеза ва дигар методҳои маъруфи таҳқиқоти илмӣ ба кор гирифта шудаанд. Мавзуи диссертатсия бо истифода аз усулҳои диалектикӣ, низомнокӣ ва методи муқоисавии таҳқиқот пеш рафта, рӯйдодҳои вобаста ба ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ ва масъалаҳои марбут ба онҳо таҳлил гардиданд.

Инчунин, дар раванди таҳқиқот методҳои махсуси омӯзиши проблемаҳои илмӣ, аз ҷумла методҳои муқоисавии ҳуқуқӣ ва ҳуқуқтатбиқкунӣ, истифода шудаанд. Ин методҳо барои таҳлил ва коркарди донишҳои нави марбут ба мавзуи диссертатсия заминаи муфид фароҳам овarданд, ки дар натиҷа, пешниҳоди усулҳои нав барои мувофиқ кардани қонунгузорӣ ва муқовимат бо ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ ба вуҷуд омаданд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот як қисми муҳимми диссертатсия мебошад, ки барои таъриф ва таҳлил кардани масъалаи мавриди пажӯҳиш, инчунин барои тасдиқ ё рад кардани гипотезаҳо ва пешниҳодҳои назариявӣ асоси мавод ва маълумоти ба даст омада мебошанд. Дар диссертатсия дар бораи ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ, заминаҳои эмпирикии таҳқиқот метавонанд ба чунин омилҳо асос ёбанд:

– қонунгузориҳои миллӣ ва байналмилалӣ, ки ба ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ дахл доранд, масалан, конвенсияҳои байналмилалӣ, шартномаҳои дуҷониба ё бисёрҷониба, резолютсияҳои СММ ва дигар механизми ҳифзи ҳуқуқи инсон;

– маълумоти оморӣ вобаста ба ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ ва масъалаҳои вобаста ба онҳо, аз ҷумла экстремизм, коррупсия ва савдои одамон.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз асосноккунӣ ва коркарди пешниҳодҳои оид ба мутобиқсозии қонунгузории миллӣ

бо меъёрҳои байналмилалӣ ва таҳкими ҳамкории байналмилалӣ дар мубориза бо таҳдидҳои муосири амниятӣ иборат аст. Пешниҳодҳои муаллифи диссертатсия, бо мақсади такмили қонунгузорӣ дар самти мутобиқ намудани қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо меъёрҳо ва принсипҳои байналмилалӣ асос ёфтааст. Ҳамчун қадами муҳим дар иҷрои консепсияи волоияти қонун ва адолат, тағйирот ба қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади баланд бардоштани мубориза бо ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ ва таъмини ҳамкории байналмилалӣ равона шудааст.

Дар диссертатсия ислоҳоти асоснокшуда барои муайян кардани мафҳумҳои махсус барои фарқгузории ҷиноятҳои дорои хусусияти террористӣ ё экстремистӣ, ҳамчунин таҳаввулот дар таърифу арзёбии ҷиноятҳои зидди намояндагони ҳокимияти давлатӣ ё ҷамъиятӣ, барои баланд бардоштани самаранокии тафтиш ва таъқиботи ҷиноӣ мусоидат мекунад. Навгониҳои илмии дар диссертатсия пешниҳодшуда на танҳо як қадам дар таҳким ва такмили қонунгузории миллӣ, балки ба татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар сиёсати ҷиноятӣ ва ҳифзи ҳуқуқи инсон мусоидат мекунад.

**Нуктаҳои зерин ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии таҳқиқоти диссертатсиониро нуктаҳои зерини ба ҳимоя пешниҳодшаванда ташкил медиҳанд:

1. Меъёрҳои конститутсионӣ ва умумиэътирофкардашуда, ҳуқуқи байналмилалӣ заминаи ҳатмии қонунгузории ҷиноятии миллиро ташкил медиҳанд. Дар моддаи 1 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, ки «қонунгузории ҷиноятӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии Тоҷикистон эътирофкарда», ки мутобиқати ҳуқуқиро дар сатҳи миллӣ таъмин намуда, ногузирии воридсозии меъёрҳои байналмилалиро (меъёрҳои эътирофшуда) дар

қонунгузории ҷиноятӣ амалӣ менамояд. Муқаррароти мазкур пойбандии Тоҷикистонро ба принсипҳои бунёдии ҳуқуқи байналмилалӣ, аз ҷумла ҳифзи ҳуқуқи инсон ва эҳтиром ба уҳдадориҳои байналмилалиро тасдиқ мекунад.

Бо назардошти зарурати таъмини ҳамгироии муназзами низоми ҳуқуқии миллӣ бо уҳдадориҳои байналмилалии давлат, мувофиқ аст, ки дар моддаи 1 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми 3 чунин муқаррарот илова гардад: «Ҳангоми тасвиби созишномаи байналмилалие, ки дорои хусусияти ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ мебошад, меъёрҳои он бояд ба ин Кодекс ворид карда шаванд».

Ворид намудани ин муқаррарот ба матни КҶ дорои аҳаммияти назаррас аст. Аввалан, он механизми ҳуқуқиро барои имплементикунии саривақтии муқаррароти созишномаҳои байналмилалӣ дорои қувваи ҳатмӣ ҳуқуқӣ эҷод мекунад, ки дар навбати худ ба таъмини ягонагӣ ва мутобиқати қонунгузории ҷиноятии миллӣ бо стандартҳои байналмилалӣ мусоидат менамояд. Чунин танзим монеаи ихтилофи меъёрӣ байни санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ мегардад.

Илова бар ин, чунин меъёр кафолат медиҳад, ки низоми ҳуқуқии дохилӣ ҳамеша ба талаботи ҳуқуқи байналмилалии эътирофшуда мутобиқ бошад ва уҳдадориҳои байналмилалии ҳуқуқӣ – ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қонунгузории миллӣ пурра инъикос ёбанд.

2. Ба моддаи 2 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудани ҳадафи татбиқи адолати байналмилалӣ ва таъмини ҳамкории байналмилалӣ дар мубориза бар зидди ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ як қадами асосӣ дар татбиқи консепсияи волоияти қонун ва адолат мебошад. Мустаҳкам намудани ҳифзи ҳуқуқии ҳуқуқу озодиҳои инсон,

ҳамчунон таъмин намудании амнияти миллӣ ва байналмилалӣ, зарурияти васеъ намудани вазифаҳои қонунгузории ҷиноятиро ба миён меоварад. Бо ин мақсад ба қисми 1 моддаи 2 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд чунин вазифаи иловагӣ ворид карда шавад: «ҳимояи муносибатҳои байналмилалӣ ва тартиботи байналмилалӣ»

3. Ҳангоми содир гардидани ҷиноятҳои дорои хусусияти махсусан хавфнок, аз қабили терроризм ё таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, иродаи ҷинояткор одатан аз ҳаёт маҳрум намудани инсон равона буда, ҳадафи ниҳоии чунин амалҳо аз ҳамла ба асосҳои сохти конститутсионӣ, суботи сиёсӣ ва амнияти давлатӣ иборат аст. Бо вуҷуди ин, қонунгузор дар моддаи 104 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳум ё нишондиҳандаҳои ҳуқуқии дахлдореро, ки барои арзёбии дақиқи таркиби чунин ҷиноятҳо заруранд, муқаррар накардааст.

Бо назардошти холигии ҳуқуқӣ ва зарурати фарқгузории возеҳ байни одамкушии умумӣ ва одамкушие, ки дар доираи ҷиноятҳои дорои хусусияти террористӣ, экстремистӣ ё бар зидди намояндагони ҳокимияти давлатӣ ё ҷамъиятӣ содир мегардад, пешниҳод карда мешавад, ки ба қисми 2 моддаи 104 КҶ ҶТ банди «р» бо чунин муҳтаво илова гардад: «алоқаманд будан бо терроризм ва ё таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон».

4. Дар моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» аз 2-юми январи соли 2020, мафҳуми экстремизм чунин пешниҳод карда шавад: «Экстремизм ҳамчун як зуҳуроти иҷтимоӣ ва сиёсӣ, ки аз вайрон кардани ҳуқуқи инсон ва тарғиб кардани ифодаҳои бадбинӣ ва хусумат миёни гурӯҳҳои иҷтимоӣ, динӣ, миллӣ ё сиёсӣ шакл мегирад ва он ҳамчун амал ё фаъолият, ки ба таҳкими ҷудоандозии ҷамъиятӣ, барангехтани хусумат ва истифодаи зӯроварӣ барои ба

даст овардани ҳадафҳои сиёсии ғайриқонунӣ равона шудааст».

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар соҳаи ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалии бузург аст, ки метавонад дар як қатор самтҳои муҳим таъсиргузор бошад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсия метавонанд дар раванди таҳлил ва таҳқиқоти илмии масоили гуногуни илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология кӯмак расонанд. Таҳлили ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ ва механизми мубориза бо онҳо дар назарияҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва илми ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ, ки сиёсати ҷиноятӣ ва ҳуқуқии давлатро таъмин мекунанд, нақши муҳим доранд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ба такмили фаъолияти қонунгузорӣ, махсусан дар соҳаи мубориза бо ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ, кӯмак расонанд.

Хулосаву пешниҳодот метавонанд дар амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ ва фаъолияти мақомоти тафтишоти пешакӣ дар ошкорсозии ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ (монанди коррупсия, экстремизм) нақши муҳимме дошта бошанд. Хулосаву пешниҳодот зимни омода намудани қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд бо мақсади таъмини татбиқи дуруст ва якхелаи қонунгузорӣ аз ҷониби судҳо мавриди истифода қарор дода шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар таҳлили ҳамаҷонибаи илмии масоили таҳқиқшаванда, ки бо истифода аз усулҳои илмии дахлдори қонунгузории ватанӣ ва хориҷӣ ва омӯзиши сарчашмаҳои илмии соҳавӣ, ибрози андешаҳо ва хулосаҳои илмии муаллиф, инчунин тавсияҳои амалии муаллиф доир ба такмил ва рушди қонунгузории ҷиноятӣ асос ёфтааст.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2025, №10 тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқот на танҳо дар ҷиҳатҳои назариявӣ ва методологии мавзуъ, балки дар татбиқи амалии пешниҳодҳои илмӣ ва ҳуқуқӣ низ назаррас аст. Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқоти анҷомшуда нишон медиҳад, ки ӯ бо навгонии илмӣ дар саҳмгузорӣ нисбат ба таҳқиқоти илмию ҳуқуқии мавзуи ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ пурра шинос аст ва дар таҳияи мақолаҳо, маърӯзаҳо ва пешниҳодҳо барои беҳтар кардани қонунгузорӣ ва санадҳои ҳуқуқии мамлакат нақш мебозад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии факултети сиёсат ва идораи давлатии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав омода гардида, борҳо дар ҷаласаҳои он мавриди муҳокима қарор гирифтааст. Муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ паҳлуҳои гуногун ва масъалаҳои марбут ба таҳқиқотро дар конфронсҳо, семинарҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, мизи мудаввар бо маърӯзаҳо баррасӣ намудааст.

Аз ҷумла:

**а) байналмилалӣ:**

– VI-умин конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ» бахшида ба рӯзи ҳуқуқи инсон – маърӯза дар мавзуи «Классификация преступлений международного характера, связаных с нарушениями основых прав и свобода человека» – Душанбе, 2023;

– Конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ бахшида ба 30-солагии қабули Конститутсияи ҶТ ва «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардидани соли 2024 дар мавзуи «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – Санади олии ҳуқуқии кишвар» – маърӯза дар мавзуи «Тафовут байни мафҳумҳои ҷиноятҳои конвенсионӣ, ҷиноятҳои фаромиллӣ, ҷиноятҳои байналмилалӣ ва ҷиноятҳои хусусияти байналмилалидошта» . – ш. Бохтар - 2024;

**б) ҷумҳуриявӣ:**

– Конференсияи умумидонишгоҳии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «30-юмин солгарди қабули Конститутсияи ҶТ», «Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон шудани соли 2024» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)» – маърӯза дар мавзуи «Ҷиноятҳои конвенсионӣ дар низоми қонунгузории ҷиноятӣ». – Душанбе, 2024.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқоти пешниҳодшуда дар 8 мақолаи илмии нашркардаи муаллиф инъикос ёфтаанд, ки 4-тои онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия** ба мақсаду вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ буда, аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, 3 боб, 7 зербоб, хулосаҳо, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 192 саҳифа иборат аст.

## ҚИСМҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ (ФИШУРДА)

Мубрамияти мавзуи таҳқиқот ва робитаи он бо барномаҳои илмӣ дар сарсухан кушода шудааст, ҳамчунин дар он ҳадаф ва вазифаҳо, объекти таҳқиқ ва предмети он, усулҳои истифодаи таҳқиқотӣ муайян

гардидааст. Ҳамчунин, дар сарсухан навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастомада, маълумот дар бораи саҳми шахсии довталаб, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот ва сохтори диссертатсия оварда шудааст.

Дар боби якуми диссертатсия «**Асосҳои назариявии ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ»** масъалаҳои мафҳумҳои ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ, ҷиноятҳои фаромиллӣ, ҷиноятҳои дорои хусусияти байналмилалидошта ва ҷиноятҳои байналмилалӣ ва таснифи ҷиноятҳои мазкур мавриди баррасӣ қарор гирифта шудааст.

**Дар зербоби якуми боби якум «Мафҳумҳои ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ, ҷиноятҳои фаромиллӣ, ҷиноятҳои дорои хусусияти байналмилалидошта ва ҷиноятҳои байналмилалӣ»** диссертатсия зикр карда шудааст, ки дар ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ мафҳуми ягонаи ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ вобаста пешбинӣ нашудааст. Илова бар ин, дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ ҳамчун як гурӯҳи мустақил пешбинӣ нашудааст. Ин мафҳум барои ифода кардани ягон гурӯҳи кирдорҳои ба ҷамъият хавфнок истифода намешавад. Маъмулан, сухан дар бораи ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ, байналмилалӣ, фаромиллӣ ва дигар ҷиноятҳои монанд ба инҳо меравад.

Ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ ҳамчун категорияи ҳуқуқии ҷиноӣ барои тавсифи кирдорҳои ба ҷамъият хавфнок, ки бар зидди манфиатҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ равона шудаанд, истифода мешаванд. Ҷиноят эътироф намудани чунин кирдорҳо маҳз бар асоси меъёрҳои байналмилалӣ пешбинишуда, муайян мегардад. Одатан, ин навъи ҷиноятҳо дар баробари мафҳуми «ҷиноятҳои дорои характери

байналмилалидошта» мавриди таҳлил қарор дода мешаванд.

Ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ як қатор нишонаҳо доранд: ҳам дар санадҳои байналмилалӣ ва ҳам дар санадҳои миллӣ ҳамчун кирдори ба ҷамъият хавфнок этироф шудаанд; муайянкунандаи гунаҳкории шахс дар содир кардани чунин кирдор.

Ҷиноятҳои дорои хусусиятҳои конвенсионӣ ҳам ба ҳаёти шаҳрвандон ва ҳам ба низоми амнияти давлатӣ ва байналмилалӣ хавф доранд ва барои ҳамин онҳо барои ҷомеаи ҷаҳонӣ хавфнок ба ҳисоб мераванд. Мубориза бо онҳо ва таҳқиқи онҳо дар доираи созишномаҳои байналмилалӣ амалӣ мешавад.

Ҷиноятҳои мазкур натанҳо ба муносибатҳои дохилии ҷамъиятӣ дахолат мекунад, балки ба иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ таъсир мерасонад, онҳо нисбат ба дигар навъҳои ҷиноят хавфи баланди ҷиноятӣ доранд. Ин маънои онро дорад, ки таъсири онҳо ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар сатҳи байналмилалӣ вазнин аст.

Мафҳуми ҷинояти фаромиллӣ аз мафҳуми ҷиноятӣ байналмилалӣ, ки метавонанд бо омилҳои берун аз салоҳияти давлати ҷалбшуда таъсир расонанд, фарқ мекунад.

Дар диссертатсия ба хулосае омада шудааст, ки ҷиноятҳои фаромиллӣ аз рӯйи моҳияти расмии ҳуқуқии худ бо ҷиноятҳои хусусияти байналмилалидошта ва ё ҷиноятҳои конвенсионӣ якхелаанд. Баъзеи онҳо дар конвенсияҳои махсуси байналмилалӣ, баъзеи онҳо танҳо дар сарчашмаҳои қонунгузории ҷиноятии ватанӣ сабт шудаанд. Ин имкон медиҳад, ки ҷиноятҳои фаромиллиро метавон қисман ба гурӯҳи ҷиноятҳои дорои хусусияти байналмилалӣ (ҷиноятҳои конвенсионӣ) ва қисман ба гурӯҳи ҷиноятҳое, ки дар аввал қонунгузории ҷиноятии миллӣ ҷавобгарӣ барои онҳо муқаррар карда буд, мансуб донистан мумкин аст.

Дар адабиёти соҳавӣ ҷиноятҳои фаромиллӣ ва ҷиноятҳои дорои хусусияти байналмилалӣ одатан якҷоя омӯхта мешаванд, зеро ҳар ду ҷузъи як падидаи конвенсионӣ мебошанд. Ҷиноятҳои фаромиллӣ ҳамчун намудҳои алоҳидаи ҷиноят ҳисобида мешаванд, ки аз ҳудуди як давлат берун меравад ва «унсури бегона» доранд. Ба ин гурӯҳ, масалан савдои одамон ва баъзе ҷиноятҳои дигар дохил мешаванд, ки барои мубориза бо онҳо шартномаҳои байналмилалӣ оид ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ имзо мешаванд.

Ҷиноятҳои дорои хусусияти байналмилалӣ бошад, ба суиқасдҳо ба манфиатҳои қонунӣ ва имтиёзҳои якчанд ё тамоми давлатҳо дахл доранд ва хатари умумии байналмилалиро ба вуҷуд меоранд. Бо назардошти таркиби ҷиноятҳои байналмилалӣ хусусиятҳои онҳоро чунин тавсиф кардааст: 1) ба ҷамъият хавфнокии вобаста ба объекти ҷиноят; 2) поймол намудани ҳуқуқу озодиҳои дигар халқу миллатҳо ва давлатҳо; 3) зарурати аз тарафи гурӯҳҳои асосии давлатҳо ҳамчун ҷиноят эътироф намудани чунин кирдор, яъне ин амал дар умум аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷиноят дониста мешавад; 4) тавсифи вазнини вайрон кардани уҳдадориҳои байналмилалӣ.

**Дар зербоби дуюми боби якум «Таснифи ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ»** зикр карда шудааст, ки санадҳои баналмилалие, ки ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсиониро пешбинӣ мекунад бояд аз ҷониби аксари давлатҳо эътироф карда шаванд. Дар қонунгузории миллии ҷиноятӣ чунин ҷиноятҳо пас аз қабул шудани ин санадҳо аз ҷониби давлат дарҷ карда мешаванд, ки ин як шакли иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии давлатро инъикос мекунад.

Дар ин замина зикр карда мешавад, ки ҳатто агар давлат созишномаро имзо карда бошад, аммо раванди тасвиб амалӣ нагашта бошад, яъне созишнома барои давлат қувваи амал пайдо накарда бошад, меъёри дар ин

давра бавуҷудомадаи қонуни ҷиноятӣ дар бораи ҷиноятӣ монанд ба оне ки тавассути созишномаи байналмилалии мавриди назар манъ шудааст, ки он хусусияти конвенсионӣ надошта, он намуди ҷинояти конвенсионалӣ ва симулярӣ хоҳад буд.

Ҳангоми воридкунии меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба қонунгузории ҷиноятии миллӣ мумкин аст таркиби меъёри байналмилалӣ дар шакли мухтасар ё васеъ ворид карда шавад. Мухтасарсозӣ – баъзе аломатҳои ҷудогонаи кирдори ба ҷамъият хавнок ба назар гирифта намешаванд ё барои пешгирӣ аз рақобати меъёрҳо хориҷ карда мешаванд, аз ҷумла вақте ки унсурҳои дахлдор аллакай дар меъёрҳои дигари қонуни ҷиноятӣ пешбинӣ шудаанд. Васеъ кардани таркиби меъёри байналмилалӣ дар қонунгузории миллӣ мумкин аст тавассути ҷиноят эътироф намудани кирдорҳое сурат гирад, ки мустақиман дар санадҳои байналмилалӣ қисман пешбинӣ шудаанд. Масалан таҷрибаи татбиқи санадҳои байналмилалӣ оид ба мубориза бо экстремизм истифода мегардад.

Муаллиф зикр мекунад, ки таснифи ягонаи ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ дар адабиёти соҳа вуҷуд надорад. Ин ҷиноятҳо вобаста ба асосҳои мухталиф метавонанд гурӯҳбандӣ шаванд. Дар асоси хусусияти санадҳои байналмилалӣ ва мушаххасияти таркиби ҷиноят, ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсиониро мумкин аст ба якчанд гурӯҳ ҷудо карда шаванд. Масалан ҷиноятҳое, ки дар натиҷаи қабули уҳдадориҳо аз санадҳои дорои аҳаммияти умумӣ (бе муқаррар намудани таркиби мушаххаси ҷиноят), аз санадҳое, ки ба соҳаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ бахшида шудаанд ва таркиби ҷиноятро пешбинӣ мекунанд.

Аз рӯйи шакли гуноҳ, таснифи ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ аҳаммияти калон дорад, зеро чунин ҷиноятҳо аксаран бо қасди бевосита содир карда мешаванд. Ҷудокунии онҳо вобаста ба хусусият ва

дараҷаи ба ҷамъият хавфнокӣ низ якхел нест, зеро дар санадҳои байналмилалӣ мафҳумҳо ва меъёрҳои гуногуни ҷиноятҳо истифода мешаванд.

Дар боби **дуюм "Робитаи меъёрҳои қисми махсуси қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ"** масъалаҳои алоқи меъёрҳои қисми махсуси қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ таҳқиқот гузаронидааст.

Дар зербоби аввали боби дуюми диссертатсия **«Тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҷиноятҳои байналмилалӣ ва ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ, ки бо сӯиқасд ба ҳаёт ва ё аз ҳаёт маҳрум сохтани одам алоқаманданд»** муаллиф зикр мекунад, ки ҷиноятҳои муқобили ҳаёт мафҳуми васеъ доранд: ин ҷиноятҳо на танҳо ба кирдорҳое, ки бо ба марг расонидани ашхос алоқамандaнд, фаҳмида мешаванд. Албатта, ҷиноятҳо муқобили ҳаёт бештар шакли муайяни одамкуширо ифода мекунанд. Бо дарназардошти ин омил таркиби ҷиноятҳо муқобили ҳаёт ҳамчун воситаи махсус барои муайян кардани хусусиятҳо ва мушкилоти татбиқи меъёрҳои қонунгузории байналмилалӣ ва миллӣ хизмат мекунад.

Тибқи қоидаҳои умумии ҳалли масоили ҳуқуқӣ аксари суиқасдҳо ба ҳаёт дар асоси меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии миллӣ муайян карда мешаванд. Аммо қасдан аз ҳаёт маҳрум сохтани одами дигар на дар ҳама ҳолатҳо тибқи моддаи 104 КҶ ҶТ муайян карда мешавад. Масалан, ҳангоми содир кардани амалӣ акти террористӣ ё таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Моддаи 310 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) кирдори шахс ба аз ҳаёт маҳрум кардани инсон равона карда шудааст, аммо мақсади ҷиноят ба муқобили асосҳои сохти Конститутсионӣ ва амнияти давлат равона карда шудааст. Ҳолати айнанро ҳангоми содиршудани терроризм дидан мумкин аст.

Ба андешаи муаллиф қонунгузор дар раванди таҳияи меъёрҳои ҳуқуқӣ – ҷиноятӣ бояд талаботҳои ҳуқуқи байналмилалии ҷиноятӣ ва воқеиятҳои замонро ба назар гирад. Бо дарназардошти ин пешниҳод шудааст, ки қисми 2 моддаи 104 КҶ ҶТ банди «р» аломати бандубасткунандаи «алоқаманд бо терроризм» илова шавад, зеро дар натиҷаи содир шудани терроризм дар аксари мавридҳо бо оқибатҳои марги одамон содир мешавад.

Муаллиф зикр мекунад, ки одамкушӣ метавонад ба намудҳои гуногуни фаъолияти ҷиноятӣ вобастагӣ дошта бошад: терроризм, акти террористӣ, генотсид.

Боби Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҷиноятҳо муқобили сулҳ ва амнияти башарият, генотсид ва қасдан вайрон кардаи меъёрҳои ҳуқуқи башардӯстии байналмилалӣ, ки дар рафти низои мусаллаҳона содир шудааст, пешбинӣ мекунад, ки одамкушӣ дар инҷо ҳамчун воситаи содиркардани ҷиноят баромад мекунад.

Фарқият миёни генотсид ва одамкушӣ аз рӯйи мазмун ва самти ангеза ҷиноят муайян карда мешавад. Дар содиршавии генотсид мақсад қатъиян бояд ба нобудкунии куллӣ ҷузъии гурӯҳи миллӣ, қавмӣ, динӣ ё нажодӣ ба сифати чунин гурӯҳ равона шуда бошад.

Дар диссертатсия зикр карда шудааст, ки барои такмили меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ тағйироту тавзеҳот ворид кардан мумкин аст.

Инчунин пешниҳод мешавад, ки масъалаи одамкушӣ бе нисбат додан ба ҷиноятҳои ҳарбӣ, вале бо дарназардошти хатари баланди ҷамъиятии он ва уҳдадориҳои давлат ҷиҳати муқаррар кардани ҷавобгарӣ барои вайрон кардани санадҳои байналмилалӣ баррасӣ шавад. Бо дарназардошти ин пешниҳод карда мешавад, ки ба қисми 2 моддаи 104-и КҶ ҶТ ҳолати бандубасткунанда дар мазмуни зерин: “одамкушие, ки бо вайрон кардани меъёрҳои ҳуқуқи

байналмилалӣ дар вақти низои мусаллаҳона содир шудааст” илова ворид карда шавад.

Бо вуҷуди ин, ҳалли комилӣ масъалаи ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои ҳарбӣ, яъне ҳамоҳангсозии меъёрҳои моддаҳои 403 ва 104-и КҶ ҶТ – ба тарзи комплексӣ беҳтар ва муносибтар мебошад.

Муаллиф таҳияи меъёрҳои ягонаи универсалии ҳуқуқӣ-ҷиноятиро масъалаи мубрами имрӯз дониста, мавқеи илмии донишмандонеро, ки тадвини меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, таҳияи Кодекси ҷиноятии байналмилалиро бо қисмҳои Умумӣ ва Махсус, ки ба меъёрҳо ва принсипҳои умумӣ қабулшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ асос ёфтаанд, ҷонибдорӣ мекунад.

**Дар зербоби дуюми боби дуюм «Тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ: (дар шакли савдои одамон ва савдои кӯдак)»** зикр карда шудааст, ки савдои одамон, ки дар як сатҳи глобалӣ проблемаи ҷиддӣ ба ҳисоб меравад, аз нуқтаи назари ҳуқуқи инсон, пеш аз ҳама, боиси нақзи ҳуқуқҳои асосии инсон, ба вижа ҳуқуқи ба ҳаёт, саломатӣ ва озодии шахсӣ мегардад. Аз ин рӯ, дар муқоиса бо дигар ҷиноятҳои фаромиллии муташаккил, савдои одамон бештар ба поймол кардани ҳуқуқи инсон мепайвандад, чунки инсон дар ин гуна ҷиноятҳо ба унвони як объекти моликият ва ё маҳсулоти тиҷоратӣ истифода мешавад.

Муқовимат ба савдои одамон, ки барои огоҳ кардани ҷомеа, ошкорсозӣ, пешгирӣ, таъқиб, коҳиш додани таъсири манфии он ва расонидани кӯмак ба қурбониён равона гардидааст, ба манзури амалӣ кардани чунин сиёсати мубориза бо ин ҷиноятҳо, дар асоси сиёсати давлатӣ метавонад татбиқ гардад. Ба ҳамин хотир, муқаррароти моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон» меъёр барои дастгирии қурбониён пешбинӣ мекунад.

Ҳамзамон, як қатор конвенсияҳои байналмилалӣ дар самти мубориза бо савдои одамон ва истисмори шаҳвонӣ таҳти роҳбарии Лигаи Миллатҳо ва СММ ба тасвиб расиданд.

Махсусан пратоколи иловагии Конвенсия дар бораи ҳуқуқи кӯдакон қабул карда шудааст, ки савдои кӯдаконро мамнуъ эътироф мекунад. Протоколи мазкур санади ҳатмии байналмилалӣ эътироф карда мешавад, ки на танҳо ба ҳифзи кӯдакон равона карда шудааст, балки андешидани чораҳои муқовимати вобаста ба ҳаракатҳое, ки ба амният ва ташаккули онҳо хавф дорад, равона карда шудааст.

Илова бар ин 15 ноябри соли 2000 Ассамблеяи Генералии Созмони Миллали Муттаҳид Конвенсияи зидди ҷинояткории муташаккили фаромиллиро қабул намуд, ки аввалин санади байналмилалӣ дар самти мазкур мебошад:

–протокол оид ба пешгирӣ ва рафъи савдои одамон, хусусан занону кӯдакон ва ҷазо барои он;

– протокол оид ба воридкунии ғайриқонунии муҳоҷирон тавассути хушкӣ, баҳр ва ҳаво;

– протокол оид ба истеҳсоли ғайриқонунии силоҳи оташфишон ва савдои он, қисмҳои он ва асбобу анҷоми аскарӣ

Бо қабули қонун аз 2 январ 2019 №1554, номи моддаи $130^2$ мутобиқи ибораҳои байналмилалӣ «Савдои одамон» иваз карда шуд. Ин тағйирот бо мақсади аниқ кардани ибораҳои ҳуқуқӣ – ҷиноятӣ, мутобиқсозии қонунгузорӣ ва самарабахшии ҳифзи ҳуқуқи инсон дар муқобила бо савдои одамон анҷом дода шуд.

Дар мавриди бандубасти савдои одамон, мушкилоти муайян кардани объекти бевоситаи ҷиноят ба миён меояд, ки на танҳо ба озодӣ, балки ба обрӯ, эътибор, эътибори касбӣ ва ба мазмуни васеътар ба маҷмӯи ҳамаи ҳуқуқҳои табиии инсон, ки бо ёрии

қонунҳо ва меъёрҳои байналмилалӣ муҳофизат мешаванд, вобаста аст.

Дар ин банд ба масъалаи хариду фурӯши кӯдакон таваҷҷӯҳи хоса зоҳир карда шудааст. Моддаи 2-и Протоколи иловагӣ ба Конвенсия дар бораи ҳуқуқи кӯдак «савдои кӯдакон» чун ҳама гуна амал ё муомилае таъриф дода мешавад, ки тавассути он кӯдак аз ҷониби дилхоҳ шахс ба шахси дигар ё аз ҷониби гурӯҳи ашхос ба гурӯҳи шахсон дар ивази мукофот ё дилхоҳ подоши дигар супорида мешавад» [2]. Ин таъриф аз таърифи «савдои одамон», ки дар «Протокол дар бораи пешгирӣ ва бартарафсозии барои савдои одамон, махсусан занон, кӯдакон ва муҳозот барои он аз соли 2000, ки Аҳдномаи СММ алайҳи ҷиноятҳои муташаккили фаромиллиро аз соли 2000 такмил мекунад» [3], зикр шудааст, фарқ дорад.

Мутобиқи протоколи мазкур «савдои одамон», ҷалбкунӣ, интиқол, супоридан, пинҳонкунӣ ба даст овардани одамон бо роҳи таҳдиди зӯрӣ ё истифодаи он дар шаклҳои дигари маҷбуркунӣ, рабудан, қаллобӣ, фиреб, суистифода аз ҳокимият ё осебпазирии вазъият ё тавассути харидан дар намуди пардохт ё фоида, барои дарёфти розигии шахсе, ки шахси дигарро назорат мекунад, фаҳмида мешавад, ки бо мақсади истисмор сурат мегирад. Мутобиқи ҳамин санад ҳуқуқи кӯдак махсусан ҳифз мешавад, зеро ҷалб, интиқол, супоридан, пинҳонкунӣ ё ба даст овардани кӯдак бо мақсадҳои истисмор ҳатто дар сурате, ки он бо истифодаи воситаҳои таъсиррасоне, ки мавҷуд будани онҳо барои савдои кӯдакон эътироф шудани кирдорҳо ҳатмист, рабт надошта бошанд ҳам, он «савдои одамон» маҳсуб мешавад [3].

Аммо ҳама амалҳои дар боло зикршуда танҳо дар сурати мавҷуд будани ҳадафи махсус – истисмори ҷабрдида, ки дар бораи он дар Протоколи ихтиёрии соли 2000 ба Конвенсия дар бораи ҳуқуқи кӯдак зимни

таърифи «савдои кӯдакон» сухан гуфта нашудааст. Таҷриба нишон медиҳад, ки савдои ноболиғон асосан ба истисмори ҷинсии онҳо алоқаманд аст.

Қатъиян манъ шудани ҳама гуна амалҳои ҷинсӣ нисбат ба кӯдакон тавассути меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ҳамчунин дар моддаҳои 138-139, 141 ва 142 КҶ ҶТ ворид шуда, дар онҳо барои содир кардани алоқаи ҷинсӣ ё дигар ҳаракатҳои дорои хусусияти шаҳвонӣ нисбат ба шахсе, ки ба синни 16 нарасидааст ва барои амалҳои шаҳвонӣ нисбат ба шахсе, ки ошкоро ба синни 16 нарасидааст, ҷавобгарии дахлдори ҷиноятӣ муқаррар шудааст [1].

Дар боби сеюми диссертатсия «**Тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ ки ба амнияти ҷамъиятӣ, саломатии аҳолӣ ва ҳокимияти давлатӣ таҷовуз меоранд**» як қатор масалаҳои ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ ки ба амнияти ҷамъиятӣ, саломатии аҳолӣ ва ҳокимияти давлатӣ таҷовуз меоранд мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор гирифтаанд.

Ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ бар зидди амнияти ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолӣ, ки дар зербоби якуми боби сеюм **«Мафҳум, намудҳо ва ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ бар зидди амнияти ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолӣ»** зикр шудааст, кирдорҳои сазовори ҷазои ҷиноятӣ мебошанд, ки дараҷаи баланди ба ҷамъият хавфнокӣ доранд. Содиршавии онҳо асосҳои амнияти ҷамъиятӣ, тартиботи ҷамъиятӣ ва низоми ҳифзи саломатии аҳолиро халадор месозанд, дар баробари ин муқовимат бо як қатори ин ҷиноятҳо бо иҷрои ухдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобастаги дорад.

Фасли VIII Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи ҷиноятҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолӣ бахшида шудааст. Ин ҷиноятҳо, маъмулан аз ҳудуди миллӣ (давлат) берун рафта, ба арзишҳои бунёдии ҷомеаҳои мутамаддин

суиқасд мекунанд, қувваи бузурги харобиовар доранд ва ба ҳамин сабаб, асосан хусусияти конвенсионӣ доранд.

Дар диссертатсия зикр карда мешавад, ки маҷмаъи Умумии Созмони Миллали Муттаҳид бо изҳори нигаронии амиқ аз содир шудани амалҳои террористии бар пояи таҳаммулнопазирӣ ё ифротгароӣ дар бисёре аз минтақаҳои ҷаҳон 9 декабри соли 1994 Эъломия оид ба чораҳои аз байн бурдани терроризми байналмилалиро қабул кард. Тибқи Эъломия, давлатҳои аъзои Созмони Миллали Муттаҳид вазифадоранд, ки барои мубориза бо терроризм тамоми тадбирҳои лозимро амалӣ намоянд, аз ҷумла, чораҳои зарурӣ вобаста ба боздошт, таъқиби судӣ ва супоридани шахсоне, ки кирдорҳои террористӣ содир кардаанд.

Эъломия мазкур як санади сиёсии байналмилалӣ буда, барои ҳамоҳангсозии давлатҳо дар мубориза бо терроризми байналмилалӣ, таъмини сулҳ ва амнияти башарият равона карда шудааст.

Муқовимат бо терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ аз тарафи давлат амалӣ карда мешавад, ки дар ҳамроҳ шудани давлат ба санадҳои ҳуқуқӣ байналмилалӣ ва ворид кардани онҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад. Дар ҳоли ҳозир беш аз даҳ моддаи қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон таркиби ҷиноятҳоеро дарҷ кардаанд, ки тибқи таснифоти байналмилалӣ онҳоро ба таркиби дорои аломатҳои терроризм мансуб донистан мумкин аст.

Фаъолияти зиддитеррористии давлатҳо дар доираи СММ дар самтҳои зерин амалӣ шудаанд: якум, барои мусоидат намудан ба мубориза бо терроризм дувоздаҳ шартномаи бисёрҷонибаи байналмилалӣ баста шуданд;

дуюм, ҳама давлатҳои аъзои СММ чанд қатъномаи Шурои Амнияти СММ-ро қабул кардаанд, ки иҷрои онҳо ҳатмист. Моддаи $179^2$ Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи маблағгузории терроризм хусусан

ба маблағгузории амалҳои террористӣ ва кӯмакрасонии молиявии гурӯҳҳои террористӣ бахшида шудааст. Ин модда барои муайян кардани ҷиноятҳо ва маҳкум кардани шахсоне, ки маблағ ё воситаҳоеро бо мақсади анҷом додани амалҳои террористӣ ё кӯмак ба гурӯҳҳои террористӣ таъмин мекунанд, истифода мешавад. Моддаи мазкур ба ҳама гуна шаклҳои кӯмаки молиявӣ, воситаҳои муфид ё таъмин намудани манбаъҳои молии террористон дахл мекунад. Ин метавонад пешбарии маблағ, мавод ё ҳар гуна кӯмак барои амалҳои террористӣ бошад. Модда махсусан ҳадафи истифодаи манбаъҳои молиявиро барои амалҳои террористӣ ва ҷиноятҳое, ки дар дигар моддаҳои Кодекси ҷиноятӣ (масалан, дар моддаҳои 179, $179^{1}$, $179^{3}$, 181, 182 ва дигар моддаҳои мухталиф) зикр шудаанд, манъ мекунад.

Муаллиф қайд мекунад, ки муборизаи байналмилалӣ бар зидди ғасби гаравгон тавассути Конвенсия ба муқобили гаравгонгирӣ (1979) танзим мешавад. Қисми 2 ва 3 моддаи 181 нишонаҳои бандубастшаванда ва махсусбандубатсшавандаи таркиби ҷинояти мазкурро дар бар мегирад.

Муборизаи байналмилалӣ бар зидди муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ дар асоси се конвенсия муҳим сурат мегирад. Ҳамчунин, ҷавобгарии ҷиноятиро барои парвариши гиёҳҳои нашъадор, монанди кӯкнор ва каннабисро манъ мекунад.

Бар асоси муқаррароти Конвенсия, ҳар як кишвар, ки ба он дохил аст, дар муқобили ин ҷиноятҳо ҷазоҳои махсусро муайян мекунад, ки метавонанд маҳрум кардан аз озодӣ, ҷарима ва мусодираи моликиятро дар бар гиранд. Дар айни замон, Конвенсия пешниҳоди дигар чораҳоро, монанди табобат, тарбия ва барқарорсозии қобилиятҳо ва тавонбахшии иҷтимоии муҷримонро дар назар дорад.

Дар зербоби дуюми боби сеюм “**Таҳлили ҳуқуқи ҷиноятии экстремизм ҳамчун ҷинояти дорои хусусияти конвенсионӣ ба муқобили ҳокимияти давлатӣ”** зикр карда мешавад, ки мубориза бо экстремизм вазифаи афзалиятнок дар арсаи байналмилалӣ мебошад. Дар сатҳи глобалӣ конвенсияҳо ва созишномаҳои байналмилалӣ нақши муҳим бозида, ба пешгирии зуҳуроти экстремистӣ ва ҳамоҳангсозии амалкарди давлатҳо равона шудаанд. Дар сатҳи минтақавӣ ва миллӣ бошад, механизмҳои ҳуқуқӣ таҳия гардидаанд, ки имкон медиҳанд фаъолияти экстремистӣ ба таври муассир боздошта шавад ва ҳуқуқҳои шаҳрвандон аз таҳдидҳои вобаста ба ин падида ҳифз гарданд.

Масъалаи муҳимми дигаре, ки дар сатҳи байналмилалӣ вуҷуд дорад, набудани мафҳуми ягонаи истилоҳи «экстремизм» мебошад. Дар фарқият аз терроризм, ки кирдорҳое (чун ғасби ҳавопаймо, гаравгонгирӣ, истифодаи маводи ядрой ва дигар амалҳои зуроварӣ) таърифи возеҳ доранд, экстремизм мафҳуми норавшан боқӣ мемонад. Дар кишварҳои гуногун муносибат ба таҳлили ин истилоҳ метавонад фарқ кунад, ки ин ташкили сиёсати ягонаи байналмилалиро оид ба муқовимат ба он душвор мегардонад. Дар амалишавии институтсионалии Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020 ва 2021-2025, як Маркази ягонаи иттилоотӣ барои пешгирии экстремизм, терроризм ва ҷиноятҳои киберӣ дар Дастгоҳи марказии Прокуратураи генералӣ таъсис ёфтааст. Ҳадафи асосии ин марказ ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот барои муқовимат бо чунин зуҳурот аст . Дар фасли 3, банди 23, зербанди 8-и Стратегия, таъкид мешавад, ки як самти муҳим дар муқовимат ба экстремизм, таҳияи тадбирҳои иловагӣ барои тақвият ва истифодаи имкониятҳои интернет мебошад, бо мақсади

шарҳи сиёсати давлат дар мубориза бо экстремизм ва терроризм мебошад.

Дар диссертатсия зикр карда шудааст, ки дар як қатор қатъномаҳои СММ дар баробари «экстремизм» истилоҳҳое низ истифода мешаванд, ки аз лиҳози моҳият ва самтгириашон ба он наздиканд. Ба онҳо чунин мафҳумҳо дохил мешаванд, мисли ксенофобия, миллатгароӣ ва нажодпарастӣ, ки ҳамчунин ба шаклҳои таҳаммулнопазирӣ ва табъиз мансубанд ва метавонанд ба сифати замина барои ғояҳои экстремистӣ хизмат кунанд.

Ксенофобия – ин бадбинӣ ё душманӣ нисбат ба ашхосест, ки ба нажод, миллат ё фарҳанги дигар тааллуқ доранд ва ҳамчун яке аз шаклҳои таҳаммулнопазирӣ баррасӣ мешавад, ки метавонад ба амалҳои экстремистӣ оварда расонад. Миллатгароӣ ва нажодпарастӣ – ин ғояҳое мебошанд, ки бартарии як миллат ё як нажодро нисбат ба дигарон тарғиб мекунанд. Дар Қатъномаи Маҷмааи Умумии СММ аз 18-уми декабри соли 1967 №2331 зарурати андешидани чораҳо алайҳи миллатгароӣ ва таҳаммулнопазирии нажодӣ таъкид мегардад. Қатъномаи Маҷмааи Умумии СММ аз 8-уми сентябри соли 2000 (№ 55/2) бошад, муқаррароти марбут ба нажодпарастиро ҳамчун яке аз шаклҳои рафтори экстремистӣ дар бар мегирад, ки бояд дар сатҳи байналмилалӣ решакан карда шавад.

Аввалин кӯшиши таҳияи мафҳуми «экстремизм» дар ҳудуди созишномаи Конвенсияи Шанхай «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм, сепаратизм ва экстремизм» ба 15-уми июни соли 2001 дар бар мегардад.

Бо дар назар гирифтани андешаҳое, ки иброз шудаанд ва воқеияти замони муосир, аломатҳои экстремизм дар қисм ва бандҳои дахлдори моддаҳои 104, 110, 111, 112, 116, 120, 143, 157, 158, 160, 188, 189, 237, 237 (1), 242, 243, 307, $307^1$, $307^2$, $307^3$, $307^4$ ва 398 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври равшан

мушоҳида мешаванд, ки онҳо дар фасл ва бобҳои гуногун ҷойгир шудаанд. Таҷриба нишон медиҳад, ки ҷиноятҳои экстремистӣ (бо ангезаҳои сиёсӣ, динӣ, нажодпарастӣ, миллатгароӣ ва маҳалгароӣ) маъмулан дар асоси чунин ангезаҳо содир мешаванд ва ё таҳдиди содир кардани онҳо вуҷуд дорад. Ин гуна шаклҳои экстремизм (бе аломатҳои зуроварӣ) дар таркиби моддаҳои дахлдори КҶ ҶТ ҷойгир шудаанд. Дар ҳолати такрори чунин кирдорҳо дар давоми сол, оқибатҳои ҳуқуқие, ки дар моддаҳои 143, 157, 158 ва 160 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, ба амал меоянд.

Аз тарафи дигар, дар асоси ангезаҳои экстремистӣ, махсусан ангезаҳои миллатгароӣ, аъзои баъзе ташкилотҳои террористӣ ва экстремистӣ (ТЭТ) дар хориҷӣ кишвар нисбати шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон амалан зарарҳои ҷисмонӣ ва ҳатто одамкушӣ содир мекунанд, ки ин кирдорҳо тибқи моддаҳои 104, 110, 111, 112 ва 116 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон табиати ҷиноятии худро доро мебошанд.

Диссертатсияи мазкур таҳлил ва шарҳи мафҳуми «экстремизм» ва шаклҳои гуногуни онро дар асоси қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ, бо таваҷҷуҳ ба кишварҳои Созмони Ҳамкории Шанхай (СҲШ) мебошад, ба роҳ монда шудааст. Таъкид карда мешавад, ки барои кишварҳо, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, ки муқаррароти байналмилалиро дар доираи қонунгузории миллӣ мутобиқ гардонида, тадбирҳои мусоидат ба муқовимат бо экстремизмро қабул намоянд.

Дар моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» аз 2-юми январи соли 2020, мафҳуми экстремизм чунин пешниҳод карда мешавад: «Экстремизм ҳамчун як зуҳуроти иҷтимоӣ ва сиёсӣ, ки аз таҳқири ҳуқуқи инсон ва тарғиб кардани ифодаҳои бадбинӣ ва хусумат миёни гурӯҳҳои иҷтимоӣ,

динӣ, миллӣ ё сиёсӣ шакл мегирад ва он ҳамчун амал ё ҳаракати иҷтимоӣ, ки ба таҳкими ҷудоии ҷамъиятӣ, барангехтани хусумат ва истифодаи зуроварӣ барои ба даст овардани ҳадафҳои сиёсии ғайриқонунӣ равона шудааст, маънидод мешавад».

**Дар зербоби сеюми боби сеюм «Имплементатсияи меъёрҳои конвенсионии зиддикоррупсионӣ дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** муаллиф зикр мекунад, ки коррупсия дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ яке аз мушкилоти ҷиддӣ ва мубрами на танҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ коррупсия на танҳо ҳамчун таҳдиди миллӣ, балки ҳамчун падидаи байналмилалӣ арзёбӣ мегардад, ки ин аз таъсири харобиовари он ба фаъолияти институтҳои давлатӣ, суботи иҷтимоӣ ва рушди иқтисодӣ бармеояд.

Ҳамзамон, криминализатсияи кирдорҳои коррупсионӣ дар заминаи иҷрои уҳдадориҳо, ки аз конвенсияҳои байналмилалӣ оид ба мубориза бо ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ бармеоянд. Яке аз муҳимтарин санадҳое, ки муносибати СММ-ро дар мубориза бо коррупсия инъикос менамояд, қатъномаи Конгресси VIII СММ, ки соли 1990 дар шаҳри Ҳавана таҳти унвони «Коррупсия дар соҳаи идораи давлатӣ» қабул шуд, ба ҳисоб меравад.

Марҳилаи калидӣ дар сиёсати зиддикоррупсионии СММ қабули Конвенсия бар зидди ҷинояткории муташаккили фаромиллии соли 2000 буд. Дар ин санад, хусусан дар м. 18, масъалаи криминализатсия намудани кирдорҳои коррупсионӣ ба таври махсус зикр шудааст. Мақоми махсусро дар миёни санадҳои байналмилалии зиддикоррупсионӣ Конвенсияи Созмони Миллали Муттаҳид бар зидди коррупсия, ки 31 октябри соли 2003 ишғол менамояд.

Дар диссертатсия зикр карда шудааст, ки тибқи Конвенсияи СММ соли 2003 (м. 15, 16, 18, 21) шакли

«кӯтоҳкардашудаи»-и таркиби ҷиноятӣ коррупсионӣ пешниҳод мегардад. Дар моддаҳои 279 ва 319-320 КҶ ҶТ (криминализатсияи кирдорҳои вобаста ба пора) таваҷҷуҳ ба анҷоми воқеии ҳаракатҳои ҷиноятӣ, аз қабили гирифтани пора ё додани он, равона шудааст. Аммо ин меъёрҳо давраҳои пешниҳод ё ваъда, тамаъҷуйии пораро фаро намегиранд. Моддаи 279 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгариро барои ришвадиҳии тиҷоратӣ, яъне додани ришва ба шахси мансабдор пешбинӣ мекунад. Моддаҳои 319 ва 320 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, ҷавобгариро барои гирифтани пора ва додани пора танзим менамоянд. Аммо, тавре қаблан зикр шуд, ин меъёрҳо амалҳои вобаста ба пешниҳод ё ваъда додани пора, инчунин тамаъҷуйии пораро дар бар намегиранд, ки ин холигии муайяни ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад.

Предмети пора, мувофиқи м. 15, 16, 18 ва 21 Конвенсияи СММ соли 2003, метавонад, на фақат молу мулки моддӣ, балки ҳар гуна манфиат бошад. Яъне, аз ҷониби шахси мансабдор гирифтани ҳар гуна мукофоти ғайриҳатмӣ ҳамчун амалӣ ҷиноятии коррупсионӣ арзёбӣ мегардад, ин мавқеъ ҳам дар Конвенсияи СММ бар зидди ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ пешбинӣ шудааст. Дар КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар м. 319 -320 бошад, пора танҳо хусусияти молу мулкӣ дорад.

Таҳлили меъёрҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи конвенсияҳои байналмилалии зиддикоррупсионӣ як қатор ихтилофҳо ҷиддиро ошкор мекунад, бахусус дар қисми муайян намудани субъекти ҷиноятҳои вобаста ба коррупсия. Ин яке аз масъалаҳои калидист, ки ҳангоми имплементатсияи стандартҳои байналмилалӣ ба қонунгузории миллӣ бояд мавриди таваҷҷуҳи қонунгузори Тоҷикистон қарор гирад. Яке аз масъалаҳои мубрам дар ин самт муайян кардани субъекти ҷиноятҳои коррупсионӣ мебошад. Дар конвенсияҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Конвенсияи

СММ бар зидди коррупсия (2003) ва Конвенсияи Шурои Аврупо оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои коррупсионӣ (1999), мафҳуми «шахси мансабдор» хеле васеътар маънидод мешавад. Дар доираи ин санадҳои байналмилалӣ ба ин мафҳум на танҳо хизматчиёни давлатӣ, балки шахсони дар бахши хусусӣ фаъолияткунанда, инчунин шахсони мансабдори ташкилотҳои байналмилалӣ шомил карда мешаванд. Дар м. 314 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгариро барои суиистифода аз ваколатҳои мансабӣ ва дар эзоҳ ба ин модда истилоҳи «шахси мансабдор» танҳо ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат дода мешавад. Ин ҳолат татбиқи қонунро нисбат ба шахсони мансабдори хориҷӣ маҳдуд месозад ва аз як тараф, метавонад аз нигоҳи ҳимояи соҳибихтиёрии миллӣ асоснок бошад, аммо аз ҷониби дигар ба таҷрибаи байналмилалӣ ва уҳдадориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат намекунад.

Таваҷҷуҳи махсусро масъалаи криминализатсияи бойшавии ғайриқонунӣ ҷалб мекунад. Ба андешаи муаллиф бо ворид намудани таркиби мазкур ба қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба принсипҳои бунёдии қонунгузории ҷиноятии миллӣ таъсири манфӣ мерасонад. Ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс барои бойшавии ғайриқонунӣ, дар асл эҳтимолияти манбаи ғайриқонунии даромади шахси мансабдорро пешбинӣ мекунад, ки ин мухолифи принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ ва тақсимоти исботкунӣ дар мурофиаи ҷинояти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар ин замина мувофиқи мақсад аст, ки аз татбиқи муқарраароти мазкури Конвенсия СММ зидди коррупсия дар қонунгузории миллӣ худдорӣ карда шавад.

# ХУЛОСА

Дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуд чунин хулосаҳои илмӣ пешниҳод карда мешавад:

1. Ратификатсияи Статути Римии Додгоҳи байналмилалии ҷиноятӣ аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашмаи ислоҳоти қонунгузории ҷиноятии миллӣ ва ҳамоҳангсозии он бо стандартҳои байналмилалӣ гардид **[4-М]**.

2. Имплементатсияи санадҳои байналмилалӣ дар Тоҷикистон бо дарназардошти омилҳои зерин амалӣ карда мешавад: а) ворид намудани тағйирот ва иловаҳо ба қонунгузории ҷиноятии миллӣ; б) эҷод кардани шароити зарурӣ барои татбиқи бевосита ва самаранокии меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ; в) ташкил кардани низоми мақомҳои давлатӣ, ки барои амалӣ намудани уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъуланд **[4-М].**

Агентии назорати маводи нашъадор (ё Агентии миллии мубориза бо маводи мухаддир) - ин хадамоти махсуси давлатӣ аст, ки бо мақсади мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфтааст.

3. Кирдорҳое, ки аз тарафи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таҳдиди татбиқи ҷазо манъшуда дар ҳоле ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ пазируфта мешаванд, ки криминализатсияи ҳуқуқӣ – ҷиноятии онҳо дар асоси уҳдадориҳои байналмилалии қабулнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи қабули шартномаҳои байналмилалӣ, ки барои ворид намудани онҳо ба қонунгузории миллӣ равона карда шудаанд **[2-М].**

4. Ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ, ки ба низоми ҳуқуқи ҷиноятии миллӣ ворид карда шудаанд, ҳамзамон асоси консептуалии ҳуқуқи танзими ҷиноятии байналмилалиро ташкил медиҳанд **[6-М].**

5. Ҷавобгарӣ барои ҷинояти дорои хусусияти конвенсионӣ дар қонунгузории миллӣ дар доираи амалишавии уҳдадориҳои байналмилалие, ки давлат дар асоси ратификатсияи шартномаҳои байналмилалӣ ба дӯш гирифтааст, ба роҳ монда мешавад.

6. Ҷиноятҳое, ки нишонаҳои конвенсионӣ доранд як намуди мустақили кирдори таҳти татбиқи ҷазои ҷиноятиро ташкил медиҳанд, ки маҷмуи нишонаҳои зерини фарққунадаро тавсиф медиҳанд: 1) доштани хавфи ҷамъиятии байналмилалӣ; 2) ғайриқонунӣ будан, ки аз уҳдадориҳои байналмилалии ҳуқуқии давлат бармеояд; 3) аз тарафи шахсони ҷисмонӣ содир шудаанд; 4) дар амал ё беамали фаъол ва ғайри фаъол ифода ёфтан; 5) натиҷаи он вайрон кардани тартиботи ҳуқуқии байналмилалӣ ва расонидани зарар ба дигар субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад **[6-М].**

7. Коркард ва истифодаи таснифи ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ як нуқтаи калидӣ барои таъмини самаранокии мубориза бо ҷинояткории фаромиллӣ ва ҳифзи ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад. Ин тасниф бояд ҳам хусусиятҳои илмӣ ва ҳам ниёзҳои амалии давлатҳоро дар бар гирад ва барои таҳияи сиёсати ҷиноятии миллӣ ва байналмилалӣ заминаи устувор фароҳам оварад **[5-М].**

8. Ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсиониро мумкин аст вобаста ба пайдоиши меъёрҳо, ки ҷавобгариро барои содиршавии онҳо муқаррар мекунанд, ҳамчунон аз рӯйи манбаъҳои пайдоиши ҳуқуқии байналмилалии уҳдадориҳои муайян, фарқ кардан мумкин аст **[7-М].**

9. Мубоизаи байналмилалӣ бар зидди гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ дар асоси Конвенсияҳои 1988, 1961 ва 1971 таҳия ва амалӣ мешавад. Конвенсияи 1988, ки барои мубоизаи муассир алайҳи муомилоти ғайриқонунии маводи нашъадор ва психотропӣ таҳия шудааст,

механизми муфассал барои коҳиш додани истеҳсол, паҳнкунӣ, фурӯш ва истифодаи ин маводҳоро пешниҳод мекунад.

10. Барои баланд бардоштани самаранокии мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст як қатор тағйирот дар қонунгузории ҷиноятӣ ворид карда шаванд, ки ба мутобиқсозии меъёрҳои кодекси ҷиноятӣ бо стандартҳои байналмилалӣ ва беҳтар намудани амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ равона шудаанд.

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

1. Бо мақсади баланд бардоштани мутобиқати қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба меъёрҳои байналмилалӣ, инчунин пурзӯр намудани мубориза бар зидди ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ ва таъмини риояи уҳдадориҳои байналмилалӣ, ки муқаррароти қисми умумии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро равшан ва пурра намоянд, пешниҳод карда мешавад, ки дар КҶ ҶТ моддаи 17/1 бо номи «Ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ» бо чунин мазмун ворид карда шавад:

«1). Ҷиноятӣ конвенсионӣ он кирдори ҷиноятии гуноҳкоронаи содиршудаи ба ҷамъият хавфнок ва ҷазододашавандае мебошад, ки меъёр дар бораи он ба КҶ барои иҷрои уҳдадориҳои қабулкардаи давлат дар асоси созишномаи тасвибшудаи байналмилалӣ ворид шудааст ва ба муносибатҳои марбут ба ҳифзи тартиботи ҳуқуқии байналмилалӣ суиқасд мекунад.

2). Ба ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ моддаҳои зерини Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 130; $130^{1}$; $143^{1}$; 167; 179; $179^{1}$; $179^{2}$; $179^{3}$; 183; $184^{1}$; $184^{2}$; $184^{3}$; 193; $194^{1}$; $194^{2}$; $194^{3}$; $194^{4}$; $194^{5}$; $195^{1}$; 200; 201; $202^{1}$; 239; $241^{1}$; $241^{2}$; 242; 262; 273; $278^{1}$; 290; $307^{1}$; $307^{2}$; $335^{2}$; 395; 396; 397; 398; 399; 400; 401; 402 **[5 -М].**

2. Дар конвенсияҳо таърифи универсалии «одамкушӣ» пешниҳод карда нашудааст. Аз назари ҳуқуқӣ ҷинояти байналмилалии одамкушӣ метавонад ба намудҳои гуногуни фаъолияти ҷиноятӣ вобастагӣ дошта бошад: терроризм, акти террористӣ, генотсид. Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар боби «Ҷиноятҳо муқобили сулҳ ва амнияти башарият» ду таркиби асосӣ дорад – генотсид (моддаи 398 КҶ ҶТ) ва Қасдан вайрон кардаи меъёрҳои ҳуқуқи башардӯстии байналмилалӣ, ки дар рафти низои мусаллаҳона содир мешавад (моддаи 403 КҶ ҶТ). Дар ҳарду ҳолат одамкушӣ ҳамчун объекти мустақили ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятӣ пешбинӣ нашудааст, балки ҳамчун воситаи содир шудани ҷинояти машаххас модда зикр шудааст.

Бо дарназардошти матолиби баррасишуда дар таҳқиқоти мазкур, пешниҳод дар бораи ворид намудани тағйирот ба қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли меъёри алоҳидаи нав асоснок карда мешавад.

Бо мақсади муайян кардани мазмуни таркиби ҷинояти генотсид ва мутобиқ кардани он бо талаботҳои ҳуқуқӣ – байналмилалӣ, моддаи 398 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири зерин пешниҳод карда мешавад:

Моддаи 398. Генотсид

«Генотсид кирдори қасдонае эътироф карда мешавад, ки ба куллан ё қисман маҳв кардани гурӯҳи миллӣ, қавмӣ, нажодӣ ё динӣ равона шудаанд ё аз рӯйи ангезаҳои сиёсӣ бо роҳи одамкушӣ, расондани зарари вазнин ба саломатӣ, бо роҳи зуроварӣ монеъ шудан ба таваллуди кӯдакон ва ё аз як гурӯҳи одамон ба дигаре додани кӯдакон ё фароҳам овардани чунин шароити зиндагие, ки ба нобудкунии ҷисмонии аъзои ин гурӯҳ содир мешаванд».

Бо мақсади васеъ кардани доираи мақсади ҷинояте, ки бо аз ҳаёт маҳрум кардани шахс алоқаманд мебошад, пешниҳод карда мешавад, ки дар банди «м» қисми 2

моддаи 104 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ибораҳои зеринро илова кардан шавад: «... ё аз рӯйи дигар ангезаи табъизӣ» ё «аз рӯйи ангезаи эътиқоди динӣ ва мавқеи сиёсии шахс».

3. Дар робита ба наздик кардани дараҷаи ҳимояи ҳуқуқӣ-ҷиноятии шахсони дар моддаҳои 402 ва 310 КҶ ҶТ зикршуда пешниҳод мешавад, ки ба моддаи 402 КҶ ҶТ матлаби зерин илова карда шавад: «Қасдан ҳамла кардан ба намояндаи давлати хориҷӣ ё корманди созмони байналмилалӣ, ки таҳти ҳимояи байналмилалӣ қарор дорад, инчунин аъзои оилаи ӯ, ки ҳамроҳи ӯ зиндагӣ мекунанд ё дар биноҳои истиқоматӣ ё хидматӣ, воситаҳои нақлиёти шахсони таҳти ҳимояи байналмилалӣ қарордошта қарор доранд, агар кирдорҳои мазкур дар робита ба мақоми расмии онҳо ё бо мақсади таҳрики ҷанг, муташанниҷ кардани вазъи байналмилалӣ ё эҷоди хатар ба робитаҳои байналмилалӣ содир шуда бошанд, ки ба уҳдадориҳои дар санадҳо ва созишномаҳои байналмилалӣ дарҷшуда, инчунин аҳдномаҳо ва қатъномаҳои байналмилалие, ки ҳифзи ҳуқуқи кормандони созмонҳои байналмилалиро танзим мекунанд, мухолифат доранд».

4. Дар робита ба тамоюлҳои ҷаҳонӣ васеъ намудани мафҳуми субъектҳои ҷиноятҳои коррупсионӣ, инчунин бо мақсади татбиқи уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешниҳод мегардад, ки ба эзоҳи м. 314, 319, 320, 323 КҶ ҶТ илова ворид карда шавад. Махсусан дар он муқаррароте мустаҳкам карда шавад, ки шахсони мансабдор мувофиқи созишномаҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин шахсоне эътироф карда мешаванд, ки вазифаҳои намояндагии давлатҳои хориҷӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва шахсони мансабдори судҳои арбитражии байналмилалиро иҷро мекунанд. Ин имкон медиҳад, ки салоҳияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро нисбат ба муқовимат бо ҷиноятҳои коррупсионӣ, ки ҳам дар ҳудуди кишвар ва ҳам берун аз он содир мегарданд, густариш диҳад.

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1-М].** Ҳомидов, Ҷ.У. Экосид ҳамчун ҷинояти конвенсионӣ [Матн] / Ҷ.У. Ҳомидов // Қонунгузорӣ. – 2024. – №4(56). – 259-266; ISSN 2410-2903.

**[2-М].** Ҳомидов, Ҷ.У. Мафҳуми ҷиноятҳои байналмилалӣ [Матн] / Ҷ.У. Ҳомидов // Маҷалаи давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2025. – №1(37). – С. 305-310; ISSN 2414 9217.

**[3-М].** Хомидов, Дж.У., Назаров, А.К. Международные преступления и преступления международного характера [Текст] / Дж.У. Хомидов, А.К. Назаров // Вестник Филиала Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе. – 2024. – №2(40). – С. 103-113; ISSN 2413-5151.

**[4-М].** Хомидов, Дж.У., Имплементация международных норм в уголовном законодателстве [Текст] / Дж.У. Хомидов // Вестник Таджикского национального университета. – 2024. – №2. – С. 210-216; ISSN 2413-5151.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар дигар нашрияҳои илмӣ чоп шудаанд:**

**[5-М].** Ҳомидов, Ҷ.У. Классификация преступлений международного характера, связаных с нарушениями основых права и свабода человека [Матн] / Ҷ.У. Ҳомидов // VI-умин конференсияи илмӣ-назарявии байналмилалӣ дар мавзуи «Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ» бахшида ба рӯзи ҳуқуқи инсон. – Душанбе, 2023. – С. 281-285.

**[6-М].** Ҳомидов, Ҷ.У. Ҷиноятҳои конвенсионӣ дар низоми қонунгузории ҷиноятӣ [Матн] / Ҷ.У. Ҳомидов // Конференсияи умумидонишгоҳии илмию назарявии ҳайати устодону кормандони Донишгоҳи милии Тоҷикистон бахшида ба «30-юмин солгарди қабули Конститутсияи

Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон шудани соли 2024» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)». – Душанбе, 2024. – С. 126-133.

**[7-М].** Ҳомидов, Ҷ.У Тафовут байни мафҳумҳои ҷиноятҳои конвенсионӣ, ҷиноятҳои фаромили, ҷиноятҳои байналмилалӣ ва ҷиноятҳои хусусияти байналмилалидошта [Матн] / Ҷ.У. Ҳомидов // Конференсияи илмӣ-назарявии байналмилалӣ бахшида ба 30-солагии қабули Конститутсияи ҶТ ва «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардидани соли 2024 дар мавзуи «Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон-Санади олии ҳуқуқии кишвар». – Бохтар, 2024. – С. 213-221.

**[8-М].** Ҳомидов, Ҷ.У Ҷиноятҳои хусусияти байналмилалидошта, ки бо вайрон кардани ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон рабт доранд [Матн] / Ҷ.У. Ҳомидов // Конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ бахшида ба таҷлили Рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон, 80-умин солгарди таъсисёбии СММ, эълон гардидани солҳои 2025-2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» ва қабул гардидани қатъномаи СММ зери унвони «Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ»–Душанбе, 2025. – С. 667- 674.

БОХТАРСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ УНИВЕРСИТЕТ
ИМЕНИ НОСИРА ХУСРАВА

**На правах рукописи**

**УДК:** 343+343.98(575.3)
**ББК:** 67.99 (2)93+67.99(208(2Т)
**Х** – 78

**ХОМИДЗОДА ДЖОНИБЕК УБАЙД**

# УГОЛОВНО ПРАВОВЫЕ ИССЛЕДОВАНИЕ ПРЕСТУПЛЕНИЯ КОНВЕНЦИОННОГО ХАРАКТЕРА

**АВТОРЕФЕРАТ**

диссертации на соискание ученой степени кандидата юридических наук по специальности 5.5.8. Уголовное право и криминология; уголовно-исполнительное право

**Душанбе – 2025**

**Диссертация выполнена на кафедре права и государственного управления факультета политики и государственного управления Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава.**

| | |
|---|---|
| **Научный руководитель:** | **Назаров Аваз Кувватович** – доктор юридических наук, профессор кафедры криминалистики и судебно-экспертной деятельности юридического факультета Таджикского национального университета. |
| **Официальные оппоненты:** | **Бободжонзода Исрофил Хусейн** – доктор юридических наук, доцент, заведующий отделом теоретических проблем государства и современного права Института государство и права Национальной Академии наук Таджикистана; |
| | **Одиназода Носир Садир –** кандидат юридических наук, преподаватель кафедры уголовного процесса факультета №2 Академии МВД Республики Таджикистан. |
| **Ведущее учреждение:** | Образовательное учреждение высшего профессионального образования «Таджикский государственный финансово–экономический университет» (г. Душанбе). |

Защита диссертации состоится «30» мая 2026 г., в $9^{\underline{00}}$ часов на заседании диссертационного совета 6D.КОА–019 при Таджикском национальном университете (734025, г. Душанбе, ул. Буни Хисорак, корпус 11, 1 этаж, зал диссертационного совета юридического факультета).

С диссертацией можно ознакомиться на сайте www.tnu.tj и в Центральной научной библиотеке Таджикского национального университета по адресу: 734025, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17.

**Адрес:** 734025, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17 E-mail: qobil9498@mail.ru **Тел:** 988949405.

Автореферат разослан: «___» ____________ 2026 года.

**Ученый секретарь диссертационного совета,**
**кандидат юридических наук** **Мирзозода К.Х.**

# ВВЕДЕНИЕ

**Актуальность темы исследования.** Актуальность данной темы обусловлена тем, что преступления конвенционного характера, вытекающие из международных правовых актов, по различным причинам представляют серьёзную угрозу для современных государств и обществ. Противодействие этим негативным явлениям невозможно обеспечить исключительно за счёт норм внутреннего законодательства государств; важную роль в этом процессе играют также механизмы международного права и межгосударственные договоры. В связи с этим особое значение приобретает исследование механизмов и факторов, влияющих на транснациональную и конвенционную преступность как во внутригосударственных, так и в межгосударственных отношениях.

Преступления конвенционного характера представляют угрозу не только государственной безопасности, но и наносят ущерб правам человека и общечеловеческим ценностям. В данном контексте особую значимость приобретает уголовно-правовое исследование указанных преступлений, содержание и признаки которых определяются международными договорами и межгосударственными соглашениями.

Статистика преступности свидетельствует, что динамика преступлений конвенционного характера из года в год изменяется. Так, статистический анализ показывает, что за последние десять лет уровень экстремистских преступлений неуклонно возрастает. Если в 2014 году было зарегистрировано 143 случая, то в 2023 году данный показатель достиг 1069, а за десять месяцев 2024 года –1102 случаев [24]. Статистический анализ также указывает на то, что в последние годы в целом наблюдается рост коррупционных преступлений и экономических преступлений, имеющие коррупционную направленность. В частности, «если в 2013 году количество таких преступлений составляло 1101, то в 2014 году – 1179, в 2015 году – 1306, в 2016 году – 1326, в 2017 году – 1445, в 2018 году – 1364, а в 2019 году – 1362 случая» [4].

С момента обретения независимости Республика Таджикистан как полноправный член мирового сообщества привела своё законодательство в соответствие с

международными стандартами и нормами. Одним из важнейших шагов в этом направлении стало закрепление соответствующих положений в Конституции Республики Таджикистан. В частности, согласно части 3 статьи 10 Конституции Республики Таджикистан, «международные правовые акты, признанные Таджикистаном, являются составной частью правовой системы республики. В случае несоответствия законов республики признанным международным правовым актам, применяются нормы международных правовых актов» [22]. Данное конституционное положение подчёркивает приверженность Республики Таджикистан принципам международного права и её готовность интегрировать международные обязательства в национальную правовую систему.

В то же время проблема преступлений конвенционного характера, несмотря на наличие обширной международно-правовой базы, направленной на их предупреждение и пресечение, продолжает оставаться одной из наиболее острых проблем современного мирового сообщества.

В данном направлении Республика Таджикистан в целях предупреждения преступлений конвенционного характера принимает действенные меры. Основатель мира и национального единства – Лидер нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон в своём Послании «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики» от 23 декабря 2022 года отметил, что «Таджикистан и впредь будет вносить достойный вклад в решение таких проблем международного сообщества, как борьба с терроризмом, транснациональной организованной преступностью, контрабандой оружия и наркотиков, киберпреступностью, а также устранение и адаптация к последствиям изменения климата» [21].

Статистический анализ показывает, что в 2023 году уполномоченным органом было расследовано 60 уголовных дел, связанных с торговлей людьми, что существенно превышает показатель 2022 года (11 дел). Кроме того, в 2023 году были возбуждены ещё 23 уголовных дела по различным статьям Уголовного кодекса, не относящимся непосредственно к торговле людьми [23].

Международное сотрудничество в борьбе с преступлениями конвенционного характера является важнейшим инструментом государств по защите своих национальных интересов и обеспечению политической, территориальной и экономической независимости от угроз, исходящих от транснациональных общественно опасных деяний. В условиях глобализации общественных отношений каждое государство неизбежно сталкивается с негативными процессами, которые создают препятствия для устойчивого развития общественных связей. Одной из ключевых проблем национальной безопасности в современном мире является поиск оптимального баланса между международной интеграцией и сохранением национальной безопасности. В этом контексте борьба с преступлениями конвенционного характера выступает не только как правовая задача, но и как важнейший стратегический элемент обеспечения экономической стабильности, национальной безопасности и конкурентоспособности государства на международной арене.

С учётом изложенного возрастает значимость исследования преступлений конвенционного характера, путей совершенствования международного сотрудничества, а также содействия совместным операциям, реализуемым в целях противодействия преступлениям конвенционного характера. Следует отметить, что рассматриваемая диссертация представляет собой фундаментальное исследование, посвящённое проблематике преступлений конвенционного характера и путям совершенствования законодательства Республики Таджикистан в данной сфере. В ней всесторонне анализируются особенности совершения данного вида преступлений, оцениваются основные факторы их возникновения, а также рассматриваются меры и направления предупреждения конвенционных преступлений в стране.

**Степень изученности темы исследования.** Теоретические и практические аспекты исследуемой темы на протяжении длительного времени привлекают внимание учёных-юристов. Отдельные её положения и проблемы были предметом научных исследований таких учёных, как Н.Б. Азимова [18], П.Н. Бирюкова [5], И.П. Блищенко и И.В. Фисенко [6], А.И. Бойко [7],

Х.С. Камолова [20], И.И. Карпец [8], А. Г. Кибалник [9], В.Н. Кудрявцев [10], И.И. Лукашук [11], В.А. Мазов [12], Т.Т. Мансурова [14], Ю.А. Решетов [17], Ю.С. Ромашева [15], А.Н. Трайнин [13], Т.Ш. Шарипов, Х.С. Сафаров [17], Х.А. Умарова [16].

**Связь исследования с программами, либо научной тематикой.** Диссертационное исследование выполнено в рамках «Государственной программы противодействия преступности в Республике Таджикистан на 2021–2030 годы», утверждённой постановлением Правительства Республики Таджикистан от 30 июня 2021 года № 265, а также в соответствии с перспективными программами научно-исследовательской деятельности кафедры права и государственного управления факультета политики и государственного управления Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Работа подготовлена с учётом задач развития и совершенствования уголовного законодательства, изучения специфических особенностей преступлений конвенционного характера, обеспечения и соблюдения прав и свобод человека и гражданина, а также разработки и внесения предложений по подготовке проектов нормативных правовых актов.

## ОБЩАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА ИССЛЕДОВАНИЯ

**Цель исследования.** Цель исследования заключается в анализе соответствия норм уголовного права Республики Таджикистан международным обязательствам и разработке рекомендаций по совершенствованию процесса внедрения стандартов международного права в национальное законодательство. В соответствии с поставленной целью исследования был определён круг взаимосвязанных задач, теоретическое решение которых составляет основу содержания и направленности диссертационного исследования.

**Задачи исследования:**

– определение понятий преступлений конвенционного характера, транснациональных преступлений, международных преступлений и преступлений международного характера;

– классификация международных преступлений и преступлений конвенционного характера;

– установление правовой сущности преступлений конвенционного характера и международных преступлений против жизни;

– изучение и выявление особенностей преступлений конвенционного характера против свободы с учётом положений международных правовых актов;

– исследование преступлений конвенционного характера против общественной безопасности и здоровья населения;

– анализ уголовно-правовых аспектов экстремизма как преступления конвенционного характера;

– исследование коррупции как преступления конвенционного характера на основе анализа международных договоров и соглашений.

**Объект исследования.** Объектом исследования являются общественные отношения, возникающие в процессе имплементации норм международного права в уголовное законодательство Республики Таджикистан, в том числе их влияние на уголовную политику и правовое регулирование в сфере противодействия преступлениям экстремистского характера.

**Предметом исследования.** Предметом настоящего исследования являются уголовное законодательство Республики Таджикистан, международно-правовые акты, имплементированные в национальную правовую систему, международное уголовное право, постановления Пленума Верховного Суда Республики Таджикистан, доктринальные взгляды учёных-юристов, а также правоприменительная практика реализации норм уголовного права в соответствии с международными обязательствами.

**Этап, место и период исследования (исторические рамки исследования).** Диссертационное исследование в основном охватывает современный этап применения норм Уголовного кодекса Республики Таджикистан, регулирующих ответственность за преступления конвенционного характера, и отражает период развития уголовного законодательства суверенной Республики Таджикистан. Период диссертационного

исследования охватывает 2020–2025 годы и представляет собой важный этап в изучении обозначенной проблематики.

**Теоретическая основа диссертационного исследования.** Теоретическую основу исследования составляют научные труды отечественных и зарубежных учёных и исследователей. В частности, в процессе исследования были всесторонне проанализированы монографии, научные труды, учебники, учебные пособия и статьи специалистов в области уголовного права и криминологии. При анализе проблем диссертационного исследования особое внимание уделялось работам таких отечественных и зарубежных учёных и исследователей, как Н. Б. Азимов, П. Н. Бирюков, И. П. Блищенко и И. В. Фисенко, А. И. Бойко, Х. С. Камолов, И. И. Карпец, А. Г. Кибальник, В. Н. Кудрявцев, И. И. Лукашук, В. А. Мазов, Т. Т. Мансуров, А. К. Назаров, Ю. А. Решетов, Ю. С. Ромашев, А. Н. Трайнин, Т. Ш. Шарипов, Ҳ. С. Сафаров, Х. А. Умаров, Н. А. Кудратов, Ҷ. З. Маджидзода, А. И. Сафарзода.

**Методологические основы исследования**: Работа основывалась на комплексном использовании как общенаучных, так и специальных методов исследования.

В ходе исследования применялись общелогические методы познания – анализ и синтез, сравнение, аналогия. Они позволили структурировать имеющийся материал, выявить закономерности и установить взаимосвязи между различными аспектами рассматриваемой проблемы. Разработка темы осуществлялась с опорой на диалектический, системный и сравнительный подходы.

Кроме того, в исследовании активно применялись специальные методы: прежде всего сравнительно-правовой и правоприменительный анализ. Их использование дало возможность сопоставить нормы национального и международного права, выявить существующие пробелы и противоречия.

**Эмпирическая предпосылка**. В рамках работы, посвящённой преступлениям конвенционального характера, эмпирическая основа исследования формировалась на основе следующих источников:

– норм национального и международного законодательства, регулирующих ответственность за преступления конвенционального характера, включая международные конвенции, двусторонние и многосторонние договоры, резолюции Организации Объединённых Наций и иные международно-правовые механизмы защиты прав человека;

– официальных статистических данных, отражающих состояние и динамику преступлений конвенционального характера, а также связанных с ними явлений, таких как экстремизм, коррупция и торговля людьми.

